# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ПАРТОВҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА ИСТЕЪМОЛӢ

(Қонуни ҶТ аз 25.07.2005 № 109, аз 28.06.2011 № 736)

Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки дар рафти ҳосилшавӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, истифодабарӣ, кашондан, безараргардонӣ ва гуронидан, инчунин дар идоракунӣ ва назорати давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо ба миён меоянд, танзим менамояд ва ба пешгирии таъсири манфии партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ ба муҳити атроф, саломатии инсон ҳангоми муомилот бо партовҳо ва истифода бурдани онҳо барои эҳтиёҷоти хоҷагию истеҳсолӣ ба сифати манбаи иловагии ашёи хом мусоидат менамояд.

## БОБИ 1. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736)

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736):

- партовҳо - моддаҳои гуногун, масолеҳ ва ҷисмҳое, ки дар рафти ҳаёт ва фаъолияти инсон ба вуҷуд омада, дар ҷои пайдо ё зоҳиршудаашон қобили истифода бурдан нестанд ва моликашон онҳоро нобуд кардаанд ё худ ҳатман бо роҳи истифодабарӣ ё барҳамдиҳӣ аз онҳо халос шуданиянд;

- партовҳои истеъмолӣ - маҳсулот, масолеҳ, моддаҳое, ки дар натиҷаи истеъмолкунӣ хусусиятҳои истеъмолии худро пурра ё қисман гум кардаанд;

- ашёи хоми дуюмдараҷа - партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолие, ки барои истифодаи дубора ҷамъ (муҳайё) ва тайёр карда шудаанд;

- партовҳои рӯзғор - партовҳои истеъмолие, ки дар маҳалҳои аҳолинишин дар натиҷаи фаъолияти ҳаётии аҳолӣ пайдо шудаанд;

- партовҳои хатарнок - партовҳое, ки дар таркиби худ моддаҳои дорои хусусиятҳои хатаровар (ба монанди заҳрнокӣ, сирояткунанда, таркишӣ, хатари сухторӣ, қобилияти баланди

реаксиониро) доранд ва дар миқдору шаклҳое мавҷуданд, ки ҳар кадоми он чӣ мустақилона ва чӣ дар тамос бо моддаҳои дигар барои саломатии инсон ва муҳити атроф хатари бевосита ё имконпазир доранд;

- муомилот бо партовҳо - тамоми шаклҳои фаъолият, ки ба ҳосилшавӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, кашондан, истифодабарӣ, безараргардонӣ, гуронидани партовҳо вобаста аст (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736);

- мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо - мақомоти махсусе, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷмҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муомилот бо парговҳо ваколатдор гашгааст;

- нигоҳдории партовҳо - нигоҳ доштани партовҳо дар захирагоҳҳои махсус таҷҳизонидашуда то лаҳзаи аз он ҷо барои гуронидан, безарар гардондан ё ба истифода баровардани онҳо;

- гуронидани партовҳо - ҷудогузории партовҳо, ки дар муҳити атроф паҳн гаштани моддаҳои ифлоскунандаро пешгирӣ намуда, ба истифодаи минбаъдаи ин партовҳо роҳ намедиҳад;

- истифодаи партовҳо - истифодаи партовҳо барои истеҳсоли маҳсулот ва иҷрои корҳо (хизматрасонӣ) ё ҳосил намудани неру (энергия);

- безараргардонии партовҳо - коркард (аз ҷумла сӯзондан)-и партовҳо дар дастгоҳҳои махсус, ки таъсири хатарнокии онҳоро ба муҳити атроф ва инсон кам мекунад;

- технологияи кампартов - чараёни истеҳсоли маҳсулот, ки дар рафти он ҳангоми истеҳсоли як воҳиди маҳсулот назар ба истифодаи усулҳои мавҷудаи анъанавии истеҳсолии ҳамин маҳсулот миқдори ками партов ҳосил мешавад;

- меьёрҳои муомилот бо партовҳо - маҳдудияти миқдори ва сифатӣ вобаста ба ҳосилшавӣ, ҷамъкунӣ, нигоҳдорӣ, истифодабарӣ, кашондан ва гуронидани партовҳо бо назардошти таъсири онҳо ба муҳити атроф;

- меъёри ҷойгиркунонии партовҳо - миқдори интиҳоии партовҳо, ки ҷойгир карданаш бо назардошти вазъи экологии минтақа дар муҳлати муқарраршуда ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ иҷозат дода шудааст;

- мавзеи ҷойгиркунонии партовҳо - машқгоҳҳо, партовгоҳои иҷозатшуда, анборҳои махсус, хоктудаҳои ҷинсҳои кӯҳӣ ва дигар мавзеъҳои таҷҳизонидашудаи махсус барои нигоҳдорӣ ва гуронидани партовҳо;

- аз сарҳадгузаронӣ - ҳар гуна ҷойивазкунӣ (бо нақлиёт гузарондан)-и партовҳо аз маҳалле, ки дар ҳудуди давлати дигар мебошад;

- шиносномаи партовҳои хатарнок - ҳуҷҷате, ки аз хусусияти сифатӣ ва миқдории партовҳо бо нишондоди шаклу дараҷаи хатарнокии онҳо шаҳодат медиҳад;

- мониторинги мавзеи гуркунӣ - назорати дарозмӯҳлат ба ҳолати мавзеи гуркунии партовҳо, ифлосшавии муҳити атроф дар ҳудуди чунин мавзеъҳо ва муҳити зист дар натиҷаи ҳодисаҳои табиии дар он баамалоянда, инчунин баҳодиҳӣ ва пешгуии ифлосшавии муҳити зист аз ҳолатҳои воқеии чунин мавзеъҳо;

- партовҳои бесоҳиб - партовҳое, ки соҳиб надоранд ё ин ки соҳиби онҳо номаълум аст (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736);

- коркарди партовҳо - фаъолияте, ки ба истифодаи партовҳо ба сифати захираҳои дуюмдараҷа вобастагӣ дорад (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736);

- нест кардани партовҳо - фаъолият оид ба гӯркунӣ, безарар кардан ва ё несту нобуд сохтани партовҳо (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

**Моддаи 2. Қонунгузори дар бораи партовҳои истеҳсоли ва истеъмолӣ**

1. Қонунгузорӣ дар бораи партовҳои истеҳсоли ва истеъмолӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

2. Муомилот бо партовҳои радиоактивӣ ва ба иншоотҳои обӣ партофтани моддаҳои зарарнокро қонунгузории махсус танзим мекунад.

**Моддаи 3. Доираи амали Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур ба ҳамаи шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликияташон, ки фаъолияти худро дар соҳаи муомилот бо партовҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонанд, тааллуқ дорад (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

**Моддаи 4. Принсипҳои асосии сиёсати давлати дар соҳаи муомилот бо партовҳо**

Принсипҳои асосии сиёсати давлати дар соҳаи муомилот бо партовҳо инҳо мебошанд:

- бартарии ҳифзи муҳити атроф бо мақсади муҳофизати ҳаёт ва саломатии инсон;

- вобастагии илман асоснокшудаи манфиатҳои иқтисодию экологии ҷамъият;

- таъсис додану татбиқ намудани равандҳои технологияҳои кампартов;

- коркарди комплексии захираҳои моддию ашёи хом дар асоси силсилаи технологияҳои сарбаста;

- истифодаи механизмҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ, барои ба гардиши хоҷагию истеҳсоли ҷалб намудани партовҳо;

- риояи талаботи қонунгузории санитарӣ ва ҳифзи табиат, ногузирии таъини ҷавобгарӣ барои вайрон намудани он;

- назорати давлати ба риоя намудани қоидаҳои муқарраршудаи санитарӣ, меъёрҳои гигиенӣ ва бехатарии экологи ҳангоми муомилот бо партовҳо;

- банақшагирии чорабиниҳо оид ба нигоҳдории бехатарии партовҳо ва маблағгузории онҳо;

- озодона дастрас будани ахборот дар соҳаи муомилот бо партовҳо барои шахсоне, ки манфиаташон ҳангоми чунин фаъолият зарар дида метавонад;

- қабул кардани қарорҳое, ки манфиати аҳолиро бо назардошти ҳифзи манфиатҳои миллӣ ифода менамоянд ва иштирок намудан дар ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо.

**Моддаи 4(1). Партовҳо ҳамчун объекти ҳуқуқи моликият**

(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736)

1. Партовҳо объекти ҳуқуқи моликият мебошанд. Ҳуқуқи моликият ба партовҳо метавонад бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як шахс ба шахси дигар гузарад.

2. Истеҳсолкунандаи партовҳо ҳуқуқи моликият ба партовҳоро аз лаҳзаи ҳосилшавии онҳо ва то ба шахси дигар гузаштани ин ҳуқуқ ё ин, ки то коркард ё пурра несту нобуд сохтани партовҳо бо тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур ба даст меорад.

3. Дар ҳолати хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти онҳо ҳаҷми муайяни партовҳо ҳосил шудааст, ҳуқуқи моликият ба партовҳо ва ӯҳдадориҳои ҷуброн кардани товони зарари аз партов ба саломатии инсон, молу мулки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва муҳити зист расида ба соҳибони нав мегузаранд (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

**Моддаи 4(2). Партовҳои бесоҳиб**

(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736)

1. Тартиби муомилот бо партовҳои бесоҳибро мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян мекунад, ба шарте ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

2. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ошкор намудан ва ба ҳисоб гирифтани партовҳои бесоҳиб, истифодаи маҷмӯии ин гуна партовҳо, риояи шартҳои муомилот бо онҳо ва пешгирии таъсири манфии онҳо ба муҳити зист ва саломатии инсон масъул мебошанд.

3. Истифодабарандагони қитъаҳои замине, ки дар он қитъаҳо партовҳо ошкор карда шудаанд ва ин партовҳо ба онҳо тааллуқ надоранд, вазифадоранд оид ба ин ҳолат мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдорро хабардор намоянд.

4. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд барои пайдо кардани соҳибмулки партовҳои бесоҳиб, муайян кардани дараҷаи хавфнокии онҳо, ташкили баҳисобгирии партовҳои бесоҳиб чора андешанд ва нисбат ба муомилот бо онҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул намоянд.

5. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ соҳибмулки партовҳое мебошанд, ки дар ҳудуди онҳо ҷойгиранд, соҳиб надоранд ё ин ки соҳиби онҳо муайян карда нашудааст.

6. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ комиссияҳои доимоамалкунандаро оид ба масъалаҳои ошкор кардан ва ба ҳисоб гирифтани партовҳои бесоҳиб таъсис медиҳанд.

7. Тартиби ошкор кардан ва ба ҳисоб гирифтани партовҳои бесоҳибро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

## БОБИ 2. ВАКОЛАТҲОИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МУОМИЛОТ БО ПАРТОВҲО

### Моддаи 5. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муомилот бо партовҳо

(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736)

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муомилот бо партовҳо мансубанд:

- ташкилу татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо;

- муқаррар кардани принсипҳои умумии ташкил ва гузаронидани назорати давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо;

- муайян намудани мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо;

- таҳия, тасдиқ ва татбиқи барномаҳои мақсаднок ва илмию техникӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо;

- қабул ва тасдиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои ҳуқуқиро дар соҳаи муомилот бо партовҳо танзим мекунанд ва назорати иҷрои онҳоро ба роҳ мемонанд (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

### Моддаи 5(1). Ваколати мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо

(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736)

Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо чунин ваколатҳо доранд:

- назорати давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо, аз ҷумла оид ба риояи меъёрҳои бехатарии экологӣ;

- ташкил ва гузаронидани назорату санҷишҳо дар соҳаи муомилот бо партовҳо;

- ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо;

- додани иҷозат, муайян кардани меъёри ҳосилшавӣ ва ҷойгиронии партовҳо;

- таҳия, тасдиқ ва татбики қоидаю меъёрҳои давлатӣ, ки муомилоти бехатари экологии партовҳоро танзим менамоянд ва талаботи бехатарии партовҳоро барои муҳити зист ва инсон муқаррар мекунанд;

- дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ба амал баровардани тадбирҳои рафъи оқибатҳои фалокату садамаҳое, ки ба муомилот бо партовҳо вобастаанд;

- ба мақомоти дахлдор ирсол намудани таклифу пешниҳодҳо оид ба маҳдуд ё қатъ намудани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, новобаста ба шакли моликияташон, ба шарте ки дар фаъолияти онҳо вайронкунии қонунгузорӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо ҷой дошта бошад;

- ташкили баҳисобгирии давлатӣ ва ҳисоботдиҳӣ доир ба муомилот бо партовҳо;

- таъмини аҳолӣ бо иттилоот дар соҳаи муомилот бо партовҳо;

- ташкил ва пешбурди кадастри партовҳо;

- ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

**Моддаи 6. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо**

(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736)

1. Ба ваколати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дохил мешаванд:

- дар ҳудудҳои худ амалӣ гардонидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо;

- ба амал баровардани тадбирҳои рафъи оқибати фалокату садамаҳое, ки ба муомилот бо партовҳо вобастаанд;

- нест кардани партовҳо аз ҳисоби маблағи соҳибмулк бо ҷуброни товони зараре, ки ба муҳити зист расидааст;

- ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои истифодаи пурраи партовҳо аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- таъмини аҳолӣ бо иттилоот дар бораи муомилот бо партовҳо;

- дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори манфиатдор муқаррар намудани тартиби муомилот бо партовҳо дар ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин ва маҳалҳои дигар;

- ташкили ҷамъоварӣ ва нест кардани партовҳои рӯзгор, аз ҷумла ҷамъоварии ҷудогонаи партовҳо;

- тасдиқи қоидаҳои муомилот бо партовҳои рӯзгор;

- тасдиқи барномаҳои маҳаллии муомилот бо партовҳо ва назорати иҷрои онҳо;

- ошкор кардан ва барҳам додани партовгоҳи тасдиқнагардида;

- андешидани тадбирҳо оид ба ошкор кардан ва ба ҳисоб гирифтани партовҳои бесоҳиб, пайдо кардани соҳибмулки партовҳои бесоҳиби ошкоркардашуда, муайян намудани дараҷаи хатарнокии онҳо;

- ба аҳолӣ фаҳмондани меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои муомилот бо партовҳо;

- муҳайё намудани шароити зарурӣ барои ҳавасманд гардонидани аҳолӣ ба ҷамъоварии партовҳо ҳамчун ашёи хоми дуюмдараҷа.

2. Ваколати мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соҳаи муомилот бо партовҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот" амалӣ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

## БОБИ 3. ТАЛАБОТ ҲАНГОМИ МУОМИЛОТ БО ПАРТОВҲО

### Моддаи 7. Талабот ҳаигоми лоиҳакашӣ, сохтмон ва азнавсозии корхонаҳо, иншоотҳо ва объектҳои дигар

Ҳангоми лоиҳакашӣ, сохтмон ва азнавсозии корҳонаҳо, иншоот ва объектҳои дигар, шахсони воқеи ва ҳуқуқи вазифадоранд:

- стандарт, меъёр ва дигар қоидаҳои муқаррарнамудаи сифатии муҳити атрофро, ки дар соҳаи муомилот бо партовҳо муайян шудаанд, риоя намоянд;

- мувофиқа намудани лоиҳаи ҳуҷҷатҳои меъёри ҳосилшавӣ ва ҷойгиронии партовҳо бо мақомоти ваколатдори давлатӣ (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736);

- гирифтани хулосаи мусбии экспертизаи давлатии экологи, санитарию эпидемиологи оид ба лоиҳаҳои тайёркардашуда ва дигар хуҷҷатҳое, ки фаъолияти онҳоро вобаста ба муомилот бо партовҳо муайян мекунад.

### Моддаи 8. Додани иҷозатнома (литсензия) барои фаъолият дар соҳаи муомилот бо партовҳои хатарнок

Додани иҷозатнома (литсензия) барои фаъолият оид ба муомилот бо партовҳои хатарнок мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳи ба баъзе намудҳои фаъолият" амали карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 25.07.2005 № 109).

### Моддаи 9. Талабот оиди истифодаи истеҳсолотӣ фаъолияткунанда

1. Шахсони воқеи ва ҳуқуқи дар рафти истифодабарии истеҳсолоти фаъолияткунанда вазифадоранд:

- стандарт, меъёр ва муқаррароти дигареро, ки оиди сифати муҳити табиат дар соҳаи муомилот бо партовҳо муайян шудааст, риоя намоянд;

- барои муомилот бо партовҳо иҷозатнома дошта бошанд;

- технологияи кампартовро ҷорӣ намоянд;

- партовҳои ҳосилшударо ба рӯйхат гирифта, ба мақомоти омор ва мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо маълумоти саҳеҳ пешниҳод кунанд;

- назорати истеҳсолиро дар соҳаи муомилот бо партовҳо амалӣ гардонанд;

- ба мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо ахбороти заруриро диҳанд;

- коидаҳои пешгирии вазъи садамавиро риоя кунанд;

- ҳангоми рӯй додани садамаҳои оқибати манфии экологидошта ё ба миён омадани ҳолатҳое, ки ба чунин садамаҳо меоваранд, фавран дар ин бора ба мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо, инчунин ба мақомоти худидораи маҳаллӣ ва аҳолӣ хабар диҳанд;

- ҳангоми аз сарҳад гузаронидани партовҳо Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи, инчунин қоидаҳои байналмилалии аз сарҳад гузаронидани партовҳои хатарнокро, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, ба роҳбарӣ гиранд (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

2. Истифодаи истеҳсолоте, ки дар он нобудсозии партовҳои зарарноки ҳосилшуда тавассути усулҳои безарари экологи ғайриимкон аст, манъ мебошад.

## Моддаи 10. Талабот ба ҷойгиркунонии партовҳо

1. Интихоби мавзеи сохтмони иншоот барои ҷойгиркунонӣ ва безараргардонии партовҳо дар асоси тадқиқоти махсус (заминшиносӣ, обшиносӣ ва ғайра) дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо, дар ҳолати гирифтани хулосаи мусбии экспертизаи давлатии экологи, мақомоти санитарию эпидемиологи ва қарори мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ (дар мавриди зарурӣ қарор бо назардошти афкори умум қабул карда мешавад) муайян карда мешавад.

2. Гурондани партовҳо дар ҳудуди шаҳрҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишин, минтақаҳои бешабоғ, истироҳатгоҳҳо, ҷойҳои табобатию беҳдоштӣ ва дамгирӣ, дар ҳудуди ҳавзҳо, чашмаҳои зеризаминӣ, ки барои корҳои хоҷагию нушидан истифода бурда

мешаванд, инчунин дар мавзеъҳои конҳои канданиҳои фоиданок ва ҷойҳои маъданковӣ (дар мавриди таҳдидрасонӣ ба бехатарии корҳои маъданковӣ ва харобии конҳо) манъ аст.

3. Ҷойгиркунонии партовҳо дар асоси иҷозатномаҳои мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо, инчунин бо мувофиқаи мақомоте, ки назорати давлатии санитарию эпидемиологиро амалӣ мегардонанд, имконпазир аст.

4. Ҷойгиркунонии партовҳо мутобиқи қоидаҳое, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, амалӣ мегардад (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

5. Мавзеъе, ки дар он партовҳо гуронида шудаанд, ба рӯйхати (реестри) давлатии мавзеъҳои гуронидани партовҳо дохил карда мешавад. Тартиби бурдани рӯйхати (реестри) давлатии мавзеъҳои гуронидани партовҳо аз тарафи мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо муайян карда мешавад.

6. Дар мавриди гуронидани партовҳо гузарондани мониторинга мавзеи гуркунӣ ҳатмист. Мониторинги мавзеи гуркунӣ аз тарафи молики объекти ҷойгиршавии партовҳо мутобиқи тартибе, ки бо мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо ба мувофиқа оварда шудааст, амалӣ мегардад.

7. Моликони мавзеъҳои ҷойгиршавии партовҳо пас аз истифодаи ин мавзеъҳо (ё қитъаҳо) вазифадоранд корҳои барқароркунии қитъаҳои вайроншудаи заминро иҷро намоянд.

**Моддаи 11. Талабот ба тозакунии маҳалҳои аҳолинишин аз партовҳои истеъмолӣ ва рӯзғор**

1. Ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин боад мунтазам аз партовҳои сахту моеъи истемолӣ тоза карда шавад.

2. Ташкили оқилонаи ҷамъоварии партовҳо, ки ҷамъоварии алоҳидаи қисмҳои истифодашавандаи онҳо (партовҳои хӯрокворӣ, металлҳои сиёҳ ва ранга, маснуоти бофандагӣ, коғаз ва ғайра), нигоҳдории муваққатӣ, бурдан ва безараркунии мунтазами партовҳои истеъмолӣ, инчунин тоза намудани ҳудуди маҳалҳои аҳолинишинро пешбинӣ мекунад, аз тарафи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ амалӣ карда мешавад ва бояд ба талаботи қоидаҳои санитарӣ, гигиенӣ ва меъёрҳои экологи мутобиқ бошад.

3. Риояи меъёру қоидаҳои нигоҳдории ҳудуди маҳалҳои аҳолинишинро мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва мақомоте, ки назорати давлатии санитарию эпидемиологи ва ҳифзи табиатро амалӣ мегардонанд, назорат мекунанд.

**Моддаи 12. Талабот ҳангоми муомилот бо партовҳои хатарнок**

1. Шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ, ки дар натиҷаи фаъолияташон партовҳои хатарнок ҳосил мешаванд, вазифадоранд ҳангоми муомилот ба онҳо ҳифзи боэътимоди муҳити атроф ва аҳолиро аз таъсири зараровар таъмин намоянд.

2. Тамоми партовҳои хатарнок аз рӯи таъсири зарарнокиашон ба инсон ва муҳити атроф ба дараҷаҳо тақсим карда мешаванд.

3. Дараҷаи хатарнокии партоврро истеҳсолкунандаи он мувофиқи хуҷҷатҳои меъёрие, ки мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо, назорати санитарию эпидемиологи, кӯҳӣ ва техники дар доираи салоҳияташон тасдиқ намудаанд, муайян мекунад.

4. Партовҳои хатарнокро танҳо дар иншоотҳои барои ин мақсад махсус таҷҳизонидашуда дар асоси иҷозатномае, ки бо тартиби муқарраргардида дода шудаанд, ҷойгир кардан мумкин аст.

5. Шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ, ки бо партовҳои хатарнок муомилот доранд, вазифадоранд партовҳои хатарнокро бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти омори давлатӣ ва мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо ба қайд гиранд.

**Моддаи 13. Талабот ба кашондани партовҳои хатарнок**

1. Партовҳои хатарнокро танҳо дар мавриди мавҷуд будани шиносномаи партовҳои хатарнок ва бо воситаҳои нақлиёти махсус таҷҳизонидашуда кашондан мумкин аст.

2. Тартиби кашондани партовҳо дар намудҳои мушаххаси нақлиёт (автомобили, роҳи оҳан, обӣ), талабот ба иҷрои корҳои боркунӣ ва борфурорӣ, қоидаҳои дигари зарурӣ оид ба таъмини бехатарии экологи, бо стандартҳо ё меъёру қоидаҳое, ки аз тарафи мақомоти давлатии назорат ба бехатарии нақлиёт тасдиқ шудаанд ва бо мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо мувофиқа шудаанд, муқаррар карда мешавад.

3. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои бехатарии муомилот бо партовҳо аз лаҳзаи ба воситаи наклиёт бор кардани партовҳо ва аз тарафи ташкилот ё шахси воқеи, ки кашондани партовҳоро иҷро мекунанд, қабул намудан, то лаҳзаи дар ҷойҳои муқарраршуда аз наклиёт фаровардани онҳо ба души муассисаи наклиётие мебошад, ки ба он наклиёти додашуда таалluқ дорад.

**Моддаи 14. Аз сарҳад гузаронидани партовҳо**

1. Бо мақсади гурондан ва бехатар гардонидани партовҳо, ворид намудани онҳо ба қаламрави ҷумҳурӣ манъ аст.

2. Аз сарҳад гузаронидани ҳар гуна партовҳо барои истифодабарии дуюмбораи онҳо ба сифати ашёи хом танҳо бо иҷозати мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо, инчунин дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ мегардад.

3. Тартиби танзими давлатии аз сарҳадгузаронӣ ва гузаронидани транзитии партовҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

4. Назорати воридот ва содироти партовҳои хатарнокро мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, ки мутасаддии назорати сарҳадӣ, гумрукӣ, экологи, санитари ва карантинӣ мебошанд, мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, таъмин менамоянд (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

## БОБИ 4. НАЗОРАТ БА МУОМИЛОТ БО ПАРТОВҲО

**Моддаи 15. Назорати давлатӣ ба муомилот бо партовҳо**

1. Назорати давлатиро ба муомилот бо партовҳо мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо, инчунин мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳал амалӣ мегардонанд.

2. Ба назорати давлатии муомилот бо партовҳо дохил мешаванд:

- назорат ба риояи талаботи қонунгузорӣ ҳангоми муомилот бо партовҳо, ошкор намудани вайронкунии ин талабот аз тарафи шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ ва андешидани чораҳо оиди бартараф кардани онҳо;

- назорат ба шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ оид ба риоя намудани талаботи соҳаи муомилот бо партовҳо, аз ҷумла шартномаю

созишномаҳои байналмилалие, ки назорати аз сарҳадгузаронии партовҳои хатарноки ба сифати ашёи хом истифодашавандаро пешбинӣ намудаанд;

- назорат ба иҷрои чорабиниҳо оид ба ҳифзи табиат, гигиена, зидди эпидемияҳо, қоидаҳои санитарию ҳифзи табиат, меъёрҳои гигиенӣ ва экологи ҳангоми муомилот бо партовҳо;

- назорат ба риояи қоидаҳои бехатарии сухтор ҳангоми муомилот бо партовҳо;

- назорати риояи тартиби баҳисобгирии ибтидоии партовҳо (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

- ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумот оид ба муомилот бо партовҳо, баҳодиҳии таъсири онҳо ба муҳити атроф;

- назорат ба саҳеҳии ахбороту ҳисоботе, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба партовҳо пешниҳод мекунанд;

- таҳлили истеҳсолоти фаъолияткунанда, ошкор намудани имконияту васоити пасткунии андозаю дараҷаи хатарнокии партовҳои ҳосилшуда, назорат ба харҷи пурратар истифода бурдани партовҳо дар истеҳсолот ба сифати ашёи хом;

- назорати риояи дастрас будани ахборот оил ба муомилот бо партовҳо ба аҳолӣ;

- ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани шахсони воқеию ҳуқуқии гунаҳкор тибқи тартиботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қабул намудани қарорҳо дар бораи маҳдудкунӣ, боздоштан ва қатъкунии фаъолият дар соҳаи муомилот бо партовҳо, ки барои муҳити атроф ва инсон хатари эҳтимолӣ доранд.

3. Нисбати қарори мақомоте, ки назорати давлатиро ба муомилот бо партовҳо амалӣ месозад, бо тартибе, ки қонунгузории амалкунанда муқаррар намудааст, шикоят кардан мумкин аст.

**Моддаи 16. Назорати истеҳсолӣ ба муомилот бо партовҳо**

1. Ташкилотҳое, ки фаъолияти хоҷагию истеҳсолияшон бо партовҳо вобаста аст бо мақсади тафтиш намудани иҷрои талаботи экологи, санитарӣ ва талаботи дигари муомилот бо

партовҳо назорати истеҳсолиро ба муомилот бо партовҳо амалӣ менамоянд.

2. Тартиби ташкили назорати истеҳсолии муомилот бо партовҳо бо низомномаҳо доир ба назорати муомилот бо партовҳо, ки корхонаю ташкилотҳо дар асоси Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари меъёрие, ки ба муомилот бо партовҳо дахлдоранд, таҳия ва тасдиқ шудаанд ва бо мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо мувофиқа шудаанд, танзим карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

### Моддаи 17. Назорати ҷамъятии муомилот бо партовҳо

Назорати ҷамъиятии муомилот бо партовҳо аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мувофиқи оинномаҳояшон ва шаҳрвандон дар маҳалли истиқоматашон бо тартибе, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, амалӣ гардида, аз тарафи ҳамаи шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ иҷро шудани талаботи Қонуни мазкурро дарбар мегирад (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

## БОБИ 5. БАМЕЪЁРДАРОРӢ ВА БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТӢ ҲАНГОМИ МУОМИЛОТ БО ПАРТОВҲО

### Моддаи 18. Бамеъёрдарории муомилот бо партовҳо

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мувофиқи тартибе, ки аз тарафи мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо тасдиқ гардидааст, таъсири имконпазири партовҳоро ба муҳити атроф ва инсон риоя мекунанд.

2. Меъёрҳои муомилот бо партовҳоро мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки вазифаҳои ҳифзи табиат, назорати санитарию эпидемиологи, кӯҳӣ ва техникиро ба ҷо меоранд, дар доираи салоҳияташон ва бо тартиби муқарраркардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

3. Партовҳое, ки объекта хариду фурӯш ё содироту воридот мебошанд, бояд бо тартиби муқарраркардаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сертификатонида шаванд.

### Моддаи 19. Баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо

1. Ҳисоботдиҳии давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо тартиби ягона дорад.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо тартиби муқарраршуда баҳисобгирии ибтидоии партовҳои ҳосилшуда, истифодашуда, ба шахсони дигар дода ё фурӯхташуда, инчунин ҷойгиршударо ба иҷро мерасонанд ва пуррагию саҳеҳии ахбороти пешниҳодшавандаро таъмин сохта, дар шаклу мӯҳлати аз тарафи мақомоти омори давлатӣ ва мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо муқарраргардида ҳисобот пешниҳод мекунанд.

3. Тартиби баҳисобгирии ибтидоиро дар соҳаи муомилот бо партовҳо мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо, тартиби баҳисобгирии расмии омориро бошад мақоми давлатии омор дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо, муқаррар мекунанд.

4. Шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ нигоҳдории маълумотҳои баҳисобгириро дар соҳаи муомилот бо партовҳо дар давоми мӯҳлате, ки мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо муқаррар намудааст, таъмин менамоянд.

### Моддаи 20. Кадастри давлатии партовҳо

1. Кадастри давлатии партовҳо ташкил карда мешавад, ки он маҷмӯи мураттаби маълумотро оид ба баҳисобгирии партовҳо дар бар мегирад.

2. Кадастри давлатии партовҳо аз тарафи мақомоти ваколатдор дар соҳаи муомилот бо партовҳо тавассути методологияи ягона дар асоси таснифоти давлатии ахборотҳои техникию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бурда мешавад.

3. Тартиби гузарондани кадастри давлатии партовҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

## БОБИ 6. ТАНЗИМИ ИҚТИСОДӢ ВА ҲУҚУҚӢ ДАР СОҲАИ МУОМИЛОТ БО ПАРТОВҲО

### Моддаи 21. Танзими иқтисодӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо

1. Барои ҷойгиркунонии партовҳо бо назардошти ҳаҷми ҷойгирии онҳо, таснифи хатарнокӣ ва меъёрҳои ҷойгиркунонӣ маблағ ситонида мешавад.

Маблағи аз пардохти ҷойгиркунонии партовҳо бадастомада ба буҷети дахлдор равона мегардад.

2. Механизм ва тадбирҳои ҳавасмандкунии иқтисодӣ ва пардохтҳои имтиёзнокро дар соҳаи муомилот бо партовҳо, тартиби гирифтан, муайянсозии ҳаҷм ва тақсимоти пардохтҳои бадастомадаро аз ҷойгиркунии партовҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

**Моддаи 22. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736)

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 736).

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 10 майи соли 2002 № 44

ш. Душанбе